**«Тасдиқ мекунам»**
ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и.,
дотсент ____________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«___» ______09______ с.2023

# ИҚТИБОС АЗ СУРАТМАҶЛИСИ №2

## маҷлиси ғайринавбатии кафедраи фаъолияти бонкии факултети молия ва қарзи ДДМИТ

**аз «07» сентябри соли 2023** **ш. Душанбе**

**Раисикунанда:** Махшулов С.Ҷ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ

**Котиб:** Хоҷаев Б.Б. - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ

**Иштирок намуданд:** Муслихова Т.Т. – н.и.и., дотсент, мудири кафедра, Ш.Раҳимзода – д.и.и., профессор, Хайрзода Ш.Қ. – д.и.и. дотсент, Шарипов Б.М. – д.и.и., дотсент, Хоҷазода Д.Қ. – н.и.и., дотсент, Оймаҳмадов Г.Н. – н.и.и., дотсент, Убайдуллоев Ф.К. – н.и.и., Махшулов С.Ҷ. – н.и.и., дотсент, Исматуллозода А.И. – н.и.и., Хоҷаев Б.Б. – н.и.и., Шоасалов Н.Қ. – н.и.и., дотсент, Латипова Г.С. – н.и.и, Зубайдов Ҷ. – муаллими калон, муовини декан оид ба илми факултет, Сафаров И.Н. – муаллими калон, муовини сардори раёсати илми донишгоҳ, Раҳимова А.В. – муаллими калон, ассистентон – Ҷумаев И., Оев А., Шарбатов С., Абулхайров Ф., Аъзамова Т., Ҷиҳонова З., Нуров М.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. **Баррасии пешакии таҳқиқоти диссертатсияи** аспиранти кафедра Аҳадов Исматилло Қаюмович бо хоҳиши гирифтани розигӣ дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешкаш гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – Хайрзода Ш.Қ. доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Муқарризон:** Ш.Раҳимзода - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Латипова Г.С.- номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур Аҳадов Исматилло Қаюмович баромад намуда, дар бораи сохтор, мазмун ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда ва масъалаҳои таҳқиқоти рисолаи номзадии ба муҳокима пешниҳодшуда маълумот дода, қайд намуд, ки гузариш ба муносибатҳои бозорӣ зарурияти таҷдид ва азнавсозии тамоми самтҳои муҳими иқтисодиёт, аз ҷумла такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкиро ба миён овард. Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар ба ҳам пайвастани равандҳо ва ҷараёнҳои муносибатҳои бозорӣ, афзоиши дороиҳои бонкӣ ва васеъ паҳн шудани қарзи бонкӣ дар иқтисодиёт, ки боиси рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат мегардад, торафт аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Идоракунии дороиҳои бонкӣ дар ҳама шароит яке аз масъалаҳои асосии фаъолияти идоракунии бонкӣ буда, аҳамияти таъмини даромаднокӣ ва нигаҳдории ҳолати молиявии бонки тиҷоратӣ зиёд мебошад. Аз ин лиҳоз усулҳо ва равишҳои идоракунии дороиҳои бонкиро бо дарназардошти тамоми манфиатҳои иқтисодие, ки тавассути фаъолияти бонкӣ амалӣ мешаванд, қаблан муайян намудан шарти зарурист.

Қобили зикр аст, ки ноустувории бозорҳои молиявӣ дар солҳои охир собит намуд, ки дороиҳо ва ухдадориҳое, ки аз рӯи муҳлат ба ҳам мувофиқ намеоянд, боиси ба вуҷуд омадани хатарҳои иловагӣ дар бахши бонкӣ гардида, як қатор монеаҳоро дар бозори бонкӣ эҷод менамоянд.

**Дар рафти баррасии** масъала аз ҷониби иштирокчиён ҷаласа д.и.и., профессор Ш.Раҳимзода, д.и.и., дотсент Шарипов Б.М., н.и.и., дотсент Убайдуллоев Ф.К., н.и.и., муаллими калон Хоҷаев Б.Б., н.и.и., дотсент Шоасалов Н.Қ., н.и.и., муаллими калон Исматуллозода А.И., н.и.и., муаллими калон Латипова Г.С. ва ассистент Оев А. ба аспирант саволҳо дода шуд.

Ба саволҳои додашуда Аҳадов Исматилло Қаюмович ҷавобҳои мукаммал ва илман асоснок дод.

**Баъдан тақризи роҳбари илмӣ** д.и.и. Хайрзода Ш.Қ. ба диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович баромад намуда, иброз дошт, ки мубрамии мавзуи таҳқиқоти рисолаи илмии Аҳадов Исматилло Қаюмович аз он бармеояд, ки идоракунии дороиҳои бонкӣ дар ҳама шароит яке аз масъалаҳои асосии идоракунии бонкӣ буда, аҳамияти он дар таъмини даромаднокӣ ва нигаҳдории ҳолати молиявии бонки тиҷоратӣ зиёд мебошад. Аз ин лиҳоз, усулҳо ва равишҳои идоракунии дороиҳои бонкиро бо дарназардошти тамоми манфиатҳои иқтисодие, ки тавассути фаъолияти бонкӣ амалӣ мешаванд, қаблан муайян намудан шарти зарурист.

Қайд карда шуд, ки муаллиф дар тавсеаи назарияи бонкдорӣ, дороиҳои бонкӣ ва механизмҳои идоранамоии дороиҳои бонкӣ саҳми муайян гузоштааст. Дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои ташаккули дороиҳои бонкӣ ва идоранамоии онҳо, ки аз хусусиятҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ноустувории молиявии ҷаҳонӣ бармеоянд, омилҳо ва механизмҳои асосии таъмини устувории дороиҳои бонкии кишвар муайян карда шудааст.

Бинобар ин рисолаи номзадии Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи "Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Сипас муқарризон:** Шариф Раҳимзода - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Латипова Г.С.- номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта ба зинаҳои ҳимояи минбаъда тавсия доданд (тақризҳо замима мегарданд).

**Дар муҳокимаи** диссертатсияи мазкур д.и.и., дотсент Шарипов Б.М., н.и.и., дотсент Оймаҳмадов Г.Н., н.и.и. Убайдуллоев Ф.К., н.и.и., муаллими калон Исматуллозода А.И. баромад намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд карда, саҳми аспирантро дар тадқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Аҳадов Исматилло Қаюмович муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Дар доираи мавзуъ муқарризони расмӣ эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки муақарароти диссертатсияро инъикос менамояд, баромад намуданд.

Аҳадов Исматилло Қаюмович ба эродҳои муқарризони расмӣ ва ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади муқарризон ва дигар баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Баромади Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 –Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризҳои муқарризони расмӣ Ш.Раҳимзода – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Латипова Г.С.

– номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва хулосаи роҳбари илмӣ д.и.и. Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ ба инобат гирифта шавад;

2. Диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 "Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267" тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 22 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 14 нафар: 3 нафар доктори илм, 6 нафар номзади илм. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор 14-нафар, Зид - нест, Бетараф - нест.

Қарор дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, протоколи № 2 аз «07» сентябри соли 2023 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
фаъолияти бонкӣ — Махшулов С.Ҷ.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., муаллими калони
кафедраи фаъолияти бонкӣ — Хоҷаев Б.Б.

**Имзоҳои Махшулов С.Ҷ. ва Хоҷаев Б.Б. - ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.А.

Ҷ.М.
11.09.2024
(сана)